ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамал №__ "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ"

Лоиҳаи Дастурамали мазкур бахри иҷроиши муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ҷиҳати татбиқи фаъолияти бонкии исломӣ ва омода намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи санади мазкурро моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" ташкил медиҳад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ масъул аст, аз ин рӯ, ҷиҳати таъсис додани ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ зарурати таҳияи санади мазкур пеш омадааст.

Заминаи меъёри ҳуқуқӣ дар асоси қонунгузории амалкунандаи соҳаи бонкӣ барои тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди анъанавӣ таҳия карда шудааст, аммо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои танзим ва назорати ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва анҷом додани вазифаҳои танзим ва назорати бонкӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он тартиби амалӣ намудани танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломиро муқаррар намудааст.

Дастурамали мазкур тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломиро (ба истисноои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ) муқаррар менамояд, аз ҷумла андозаи ҳадди ақалли сармоя барои ташкилотҳои қарзии хурди исломӣ ва маблағи ибтидоии маблағгузорӣ барои фонди қарзии хурди исломии навтаъсис муқаррар карда шудааст, хусусияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ мушахассан дарҷ гардида, тартиби додани иҷозатнома ба ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ муайян карда шудааст, қоидаҳои ҳисобдорӣ, санҷиш ва аудит, мақомоти идоракунии ташкилоти қарзии хурди исломӣ ва фонди қарзии хурди исломӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии онҳо, низ муқаррар карда шудааст.

Дастурамали мазкур чораҳои зеринро доир ба тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ фаро мегирад:

- чораҳои омодагӣ барои таъсиси ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ;
- тартиби додан, бозхонд ва бекор кардани иҷозатнома ба ташкилоти маблағгузории хурди исломӣ;
- тартиби пешниҳоди маблағгузории хурди исломӣ / қарзи хурди исломӣ ба муштариён тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ
- хусусияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ;
- тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти идоракунии ташкилоти маблағгузории хурди исломӣ;
- азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзии хурди исломӣ ва фонди қарзии хурди исломӣ.

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гашта дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Тартиби мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани Тартиби мазкур мукаммал намудан ва тақвият бахшидани механизми соҳаи хизматрасониҳои молиявӣ пешбинӣ гардида, тартиби танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломиро, ки яке аз самти нав ва алтернативӣ ба бонкдории анъанавӣ мебошад, муқаррар менамояд.

Қабули санади мазкур дар самти танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ муҳим буда, бидуни қабули санади мазкур танзим ва назорати фаъолияти онҳо ғайриимкон мегардад.

Муовини Раис Ф. Толибзода